# Қарори № 8

маҷлиси шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

05.11.2021 ш. Душанбе.

**Ширкат доштанд:**

раис: д.и.ф., проф. Сатторзода А. аъзо проф., Муллоаҳмадов М., Саидзода Ҷ., н.и.ф. Муҳаммадиев. А., д.и.ф., проф. Мақсудов Б., н.и.ф. Муҳаммадиев Ш.,. Акбарзод М.

**Рӯзнома:**

1. Муҳокимаи диссертатсияи номзадии Назар Бохруло дар мавзуи **«Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

**ШУНИДА ШУД:**

1. Маълумот дар бораи диссертант аз ҷониби мудири шуъба:

Назар Бохруло аспиранти шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ буда, мавзуи илмияш таҳти унвони **«Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** дар маҷлиси Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 19 январи 2016, қарори № 5 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** - Муҳаммадиев Алӣ, н.и.ф., ходими пешбари илмии шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттии Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ мебошад.

Диссертатсия дар шакли пурра ба шуъба пешниҳод гардида буд ва аз ҷониби шуъба ҳайати комиссияи зерин таъин шуданд:

д.и.ф. Сатторзода Абдунабӣ
д.и.ф. Максудов Бадриддин
ходими илмии шуъба Мубашшир Акбарзод,

2. Маърузаи диссертант оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ, мақсаду вазифа ва мубрамии мавзуи диссертатсия;

**РАФТИ ҶАЛАСА:**

**А. Сатторзода:** Диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» дар шуъбаи таърихи адабиёт мавриди тахлилу баррасӣ қарор гирифта буд. Дар рафти баррасӣ иштирокчиёни чаласа, ки бо диссертатсия ошно шуда буданд, назари худро дар бораи хусну қубҳи он баён доштанд. Баъди баррасии ҷиддӣ қарор шуд, ки унвонҷӯ бояд тамоми эродҳои ироашударо ба назар гирад ва диссертатсияро баъди ислох дубора ба ҳайати комиссияи санҷиш пешниҳод намояд.

**Мақсудов Б.** Аз бознигарии дубораи диссертатсия маълум шуд, ки унвонҷӯ ҳамаи камбуду норасоиҳоеро, ки пештар зикр шуда буд, ислоҳ кардааст. Аз он ҷумла, дар баррасии аввалӣ қайд шуда буд, ки фаслҳои кор ба зерфаслҳои марбута тақсим карда шавад. Аз кори дуюмбора ислоҳшуда маълум шуд, ки он камбудӣ ҷиддӣ ислоҳ шудааст. Ғайр аз ин, қайд шуда буд, ки иқтибосоти дар кор оварда бо арқоми рӯйхати адабиёт мутобиқат надорад. Дар санҷиши дуюм маълум гардид, ки ин камбуд низ ислоҳ шудааст. Боз дар баррасии аввал гуфта шуда буд, ки дар кор такрорҳои беҷо ва иқтибосоти зиёд омадааст. Маълум гардид, ки ин нуқсонҳо низ ислоҳ шуданд.

Умуман, ман ба хайси узви комиссияи таъйиншуда дубора корро санҷидам ва чунин мешуморам, ки диссертатсия ислоҳ ва такмил ёфтааст ва онро барои дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

**М. Акбарзод:** Аз бознигарии дубораи диссертатсия маълум шуд, ки унвонҷӯ ҳамаи камбуду норасоиҳоеро, ки пештар зикр шуда буд, ислоҳ намудааст. Аз он ҷумла, дар баррасии аввалӣ қайд шуда буд, ки порчаҳои аз ду маснавӣ оварда бо ҳам омехтаанд. Баргардонҳо аз хатти форсӣ ба кириллӣ ноқисанд, ислох карда шавад. Ҷомӣ аз қофияи такрор истифода кардааст гуфта шудааст, вале мисолҳои оварда бар хилофи он аст. Аз кори дуюмбора ислоҳшуда маълум шуд, ки он камбудӣ ислоҳ шудааст. Боз дар баррасии аввал гуфта шуда буд, ки шеъри чаҳорпора дар осори Ҷомӣ вуҷуд дорад, ки нодуруст аст. Тозакорихо хаст гуфта шудааст, вале далел оварда нашудааст. Шарҳҳо нодуруст. Вақте дуюмбора санҷида шуд, маълум гардид, ки ин нуқсонҳо низ ислоҳ шуданд.

Ман ба ҳайси узви комиссияи таъйиншуда дубора корро санҷидам ва чунин мешуморам, ки диссертатсия ислоҳ шудааст ва онро барои дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

ҚАРОР КАРД:

Диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи **«Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** бо назардошти ворид намудани ислоҳоти зарурӣ ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод карда шавад.

Раиси ҷаласа,
д.и.ф., профессор — Саттторзода А.

Котиб — Шарипова Н.

ИмзоиAtторзода А. ва Шарипова Н.-ро тасдиқ менамоям:
Нозири калони кадри
Институти забон ва
адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ — Нарзиқулова Ҳ.